ХУЛОСА

оид ба натиҷаи аудити мутобиқат ва молиявии **Муассисаи давлатии Маркази татбиқи Лоиҳаи "Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот"**-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**1.** Хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти моддаҳои 1, 7, 30 ва 41 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз рӯйи натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ дар Муассисаи давлатии Маркази татбиқи Лоиҳаи "Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот"-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда таҳия гардида, дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

**2.** Марказ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02 соли 2013, №37 таъсис дода шуда, ҳамчун сохтори идоракунӣ, татбиқи лоиҳаҳои грантӣ ва қарзии Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд ва Бонки Исломии Рушдро амалӣ менамояд.

2.1. Тибқи оинномa вазифаҳои Марказ ба роҳ мондани ҳамоҳангсозӣ ва идораи самараноки Лоиҳаҳои грантӣ ва қарзии пешниҳодшудаи Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд ва Бонки Исломии Рушд ва ҳамоҳангсозии он бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷудо намудани маблағҳои қарзӣ мутобиқи созишномаҳои зерқарзӣ бо ташкилотҳои хурди қарзӣ, мувофиқи меъёрҳои молиявию иқтисодӣ ва талаботи ҷонибҳои маблағгузор, таъмини саривақтии азнавқарздиҳӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои лоиҳавии муаяншуда, тариқи бастани созишномаҳои зерқарзӣ ва анҷом додани мониторинги сифати қарзҳои ҷудошудаи ташкилотҳои хурди қарзӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ба роҳ мондани ҳамоҳангсозӣ ва таъмини шароити кори экспертҳо - мушовирони байналмилалӣ ва миллӣ оид ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад.

2.10. Ба ҳолати моҳи марти соли 2025 тавассути Марказ аз ҳисоби маблағгузории Бонки Умумиҷаҳонӣ лоиҳаҳои "Рушди иқтисодиёти деҳот", "Баланд бардоштани омодагӣ ва устуворӣ ба офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон", "Рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ" ва аз ҳисоби Бонки Исломии Рушд лоиҳаи "Беҳтар намудани идоракунии захираҳои об дар вилояти Хатлон" татбиқ шуда истодааст.

**Лоиҳаи "Рушди иқтисодиёти деҳот"**

**3.** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Лоиҳаи "Рушди иқтисодиёти деҳот" байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиятсияи Байналмилалии Рушд – Созишнома оид ба маблағгузорӣ аз 15 январи соли 2020, №D4980-TJ ба маблағи умумии 21,7 млн. ҲМҚ (Ҳуқуқҳои махсуси қарзгирӣ) баробар ба 30,0 млн. доллари ИМА ба имзо расонида шудааст.

3.1. Тибқи ҳуҷҷатҳои барномавию таъсисӣ, мақсади асосии Лоиҳа беҳтар гардонидани шароити зиндагии аҳолӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Хатлон тариқи рушди соҳаҳои сайёҳӣ ва агробизнес мебошад.

3.2. Дар доираи Созишномаи грантӣ, ҳадафҳои рушди Лоиҳа тибқи нақшаи харид таъмин гардида, ба самтҳои тақвияти инфрасохтор (меҳмонхонаҳо, сардхонаҳо, корхонаҳои коркарди маҳсулот, иншоотҳои фарҳангӣ), дастгирии соҳибкорону хоҷагиҳои хурду миёна дар бахшҳои сайёҳӣ ва агробизнес ва афзоиши сифати зиндагӣ тавассути фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани даромади аҳолӣ, равона карда шудааст.

3.2.1. Иҷрои ҳадафҳои лоиҳа аз рӯи нишондиҳандаҳо оиди афзоиши шумораи сайёҳон ба аввали соли 2025 дар ВМКБ ва вилояти Хатлон 800,0 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ гардида, тибқи маълумотҳои Кумитаи рушди сайёҳӣ шумораи он ба 1077,6 ҳазор нафар расидааст, ки 134,7 фоизи нақшаро ташкил дода, дар ин замина хароҷоти сайёҳони мазкур низ 20183,0 ҳазор доллари ИМА ё ба 112,0 фоиз баробар гардидааст. Дар вобастагӣ ба ин, ҳамчунин шумораи меҳмонхонаҳо, истгоҳҳо барои истироҳат ва тарабхонаҳое, ки таъмир шудаанд ба 170 адад расида, 314 фоизи шумораи банақшагирифташударо ташкил медиҳад.

3.3. Таҳлилҳо нишон дод, ки барои амалӣ гардондани ҳадафҳои қисмати якуми Лоиҳа “Беҳтар гардонидани инфрасохтори ҷамъиятӣ ҷиҳати рушди туризм, агробизнес ва соҳаҳои ба он алоқаманд” маблағи 11877,3 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ шуда, дар давраи аз аввали татбиқи лоиҳа то моҳи апрели соли 2025 ба қадри 10051,7 ҳазор ё 84,5 фоиз ва дар давраи аудит 3630,7 ҳазор доллари ИМА азхуд карда шудааст.

3.4. Тибқи нақшаи молиявии Лоиҳаи мазкур дар соли 2024 нишон дод, ки дар маҷмуъ азхудкунии маблағ барои давраи мазкур ба қадри 10597,45 ҳазор доллари ИМА ба нақша гирифта шуда, азхудкунии воқеии маблағҳои грантӣ 10121,18 ҳазор доллари ИМА ё 95,5 фоизро ташкил медиҳад.

3.5. Таҳлили тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани харҷи сафарҳои хизматӣ ба кормандони Лоиҳа собит сохт, ки аз ҷониби баъзе аз кормандон ҳангоми сафарҳои хизматӣ талаботҳои мавҷуда риоя карда нашуда, аз меъёр зиёди сафархарҷиҳо дар 19 ҳолат ба маблағи 5700,0 сомонӣ муайян ва ба буҷет барқарор карда шуд.

3.6. Дар соли 2024 шумораи воҳидҳои корӣ бо теъдоди 21 воҳид, аз онҳо 18 нафар мутахассисони ҳайати асосӣ ва 3 нафар кормандони техникӣ бо музди маоши моҳона ба маблағи 12700,0 доллари ИМА тасдиқ карда шудааст. Музди меҳнати миёнаи моҳона ба ҳар як корманди Лоиҳа ба 604,8 доллари ИМА баробар мебошад.

3.6.1. Аудити дурустии ҳисоб ва пардохти музди меҳнати кормандони Лоиҳа ҳолатҳои ҳисоб ва пардохти аз меъёр зиёди музди меҳнатро, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11 соли 2022, таҳти №582 "Дар хусуси муқаррар намудани меъёри ягонаи музди меҳнати кормандони агентиҳои амаликунандаи Лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ" муқаррар гардидааст, муайян накард.

3.7. Дар доираи амалигардонии Лоиҳа тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Қоидаҳо оид ба кушодани дархостҳои тендерӣ барои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ дар доираи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ" аз 02.10 соли 2010 №500 ва Низомнома дар бораи хариди мол, кор, хизматрасониҳо ва хизматрасониҳои ғайримашваратӣ, ки аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ тасдиқ гардидааст, 25 озмуни хариди мол ба маблағи 7086,6 ҳазор доллари ИМА гузаронида шуда, бо ғолибони озмун шартномаҳо баста шудааст.

3.8. Тибқи талаботи Дастурамали Лоиҳа "Оид ба барномаи грантӣ" барои амалишавии лоиҳаҳои мазкур ҳиссаи маблағгузорӣ аз ҳисоби маблағҳои грант то 80 фоиз ва саҳми грантгиранда на кам аз 20 фоиз ва маблағи ниҳоии пешниҳодшавандаи грантӣ барои як нафар соҳибкор на зиёда аз 20,0 ҳазор доллари ИМА ва барои гурӯҳи соҳибкорон ва ё кооперативҳои истеҳсолию тиҷоратӣ на зиёда аз 60,0 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ гардидааст.

3.9. Дар давраи таҳти аудит қароргирифта аз ҳисоби маблағҳои грантӣ бо мақсади рушди сайёҳи ва агробизнес дар доираи қисмати дуюми Лоиҳа дар вилояти Хатлон ба 94 нафар шахсони ҳуқуқиву воқеӣ ба қадри 2914,0 ҳазор доллари ИМА баробар ба 26791,9 ҳазор сомонӣ ва дар ВМКБ ба 43 нафар шахсони ҳуқуқиву воқеӣ ба қадри 1038,6 ҳазор доллари ИМА баробар ба 9922,4 ҳазор сомонӣ, ҳамчун грантҳои ҳиссавӣ пешниҳод карда шудааст.

3.9.1. Дар рафти гузаронидани санҷишҳои мутақобила муайян гардид, ки аз ҷониби баъзе грантгирандагон ҳарчанд техникаву таҷҳизотҳои дар шартномаҳо дарҷгардидаро пурра харидорӣ намуда бошанд ҳам, лекин муҳлати ба истифодадиҳии объектҳои грантиро ба таъхир андохта, муҳлати ниҳоии иҷрои уҳдадориҳои дар шартнома муқарраргардида аз як то чор моҳ сипари гашта, то ҳол объектҳои мазкур бо сабабҳои гуногун ба истифода дода нашудааст.

3.9.2. Ҳамин тавр, натиҷаи санҷиши мутақобила оид ба маблағҳои грантии ба грантгирандагон додашуда ва таҳлили созишномаҳо ва шартномаҳои грантӣ собит сохт, ки бинобар номукаммал будани бандҳои шартномаҳои басташуда оиди иҷрои уҳдадориҳои грантгирандагон боиси он гардидааст, ки баъзе грантгирандагон уҳдадориҳои худро дар муҳлатҳои муқарраргардида иҷро накардаанд ё ин, ки нисбати таҷҳизоту техникаҳои аз ҳисоби маблағҳои грантӣ харидоришуда хунукназарона рафтор намуда, таҷҳизотҳои гаронарзиш

дар ҳавои кушод зери барфу борон ва шуоъи офтоб муддатҳои дароз нигоҳ доштаанд.

**Лоиҳаи “Баланд бардоштани омодагӣ ва устуворӣ ба офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон”.**

4. Ҷиҳати татбиқ намудани Лоиҳаи “Баланд бардоштани омодагӣ ва устуворӣ ба офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон” байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Умумиҷаҳонӣ Созишномаи грантӣ аз 29 июни соли 2022, №D9780-TJ ба маблағи умумии 50,0 млн. доллари ИМА ба имзо расонида шуда, аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 октябри соли 2022, №831 тасдиқ карда шудааст.

4.1. Лоиҳаи “Баланд бардоштани омодагӣ ва устуворӣ ба офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон” тавассути Вазорати молия, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ ва Вазорати нақлиёт амалӣ шуда истодааст.

4.2. Ҳадаф ва вазифаҳои Лоиҳа расонидани кӯмак ҷиҳати барқарорсозӣ баъд аз офатҳои табиӣ, баланд бардоштани устувории роҳҳои муҳими автомобилгард ва пурзур намудани иқтидор оид ба идоракунии хатари офатҳои табиӣ мебошад.

4.3. Татбиқи Лоиҳа аз моҳи октябри соли 2022 то апрели соли 2027 пешбинӣ карда шудааст.

4.4. Ба зиммаи Марказ татбиқи зерқисматҳои 2.1., 2.4., 2.5 ва қисматҳои 3 ва 4-и Созишнома вогузор карда шудааст, ки ҷиҳати татбиқи Лоиҳа маблағи 11 200,0 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ гардида, аз оғози Лоиҳа то моҳи марти соли 2025 маблағи 1 795,8 ҳазор доллари ИМА ворид гардидааст. Дар ин давра азхудкунӣ ба қадри 1 480,5 ҳазор доллари ИМА ё 81,4 фоизи маблағи воридшударо ташкил дода, дар давраи аудит азхудкунӣ 1 358,6 ҳазор доллари ИМА ё 75,6 фоизи маблағи воридшударо ташкил додааст.

4.5. Таҳлилҳо нишон дод, ки тибқи талаботҳои Созишномаи молиявӣ саривақт ва дар муҳлатҳои муайяншуда маблағгузорӣ карда мешавад.

4.6. Тибқи ҷадвали басти воҳидҳои корӣ дар соли ҷорӣ шумораи воҳидҳои корӣ бо теъдоди 20 нафар бо фонди музди меҳнати моҳонаи 11400,0 доллари ИМА тасдиқ гардида, музди миёнаи моҳонаи меҳнат ба як корманд ба 570,0 доллари ИМА баробар мебошад. Музди меҳнати кормандони лоиҳа дар доираи меъёри муқарраргардидаи музди меҳнати кормандони лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ, ҳисобӣ ва пардохт карда шудааст.

4.7. Дар доираи амалигардонии Лоиҳа дар давраи таҳти аудит қарордошта теъдоди 4 озмуни хариди молҳо, кор ва хизматрасонӣ гузаронида шуданд, ки аз он 2 озмун ба маблағи 1332,5 ҳазор доллари ИМА бо истифода аз усули номахдуди байналмилалӣ ва миллӣ (ICB, NCB) ва 2 озмун бо истифода аз усули ҳаҷман хурди Шопингӣ

мутаносибан ба маблағи 309,8 ҳазор сомонӣ барои “Азнавбинии таснифоти техникии Мошинҳои мобилии идоракунӣ ва назоратӣ” ва ба маблағи 20,0 ҳазор доллари ИМА барои “Мушовири инфиродӣ барои дастгирии рушд ва мониторинги фаъолияти маблағгузории хатари офатҳои табиӣ” анҷом дода шудааст.

4.8. Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи муҳосибот маълум гардид, ки аз ҳисоби хариди молу мавод ва кору хизматрасониҳо, қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ дар Лоиҳа вуҷуд надорад.

**Лоиҳаи “Рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ”.**

**5.** Ҷиҳати амалӣ гардонидани Лоиҳаи “Рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ” байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд Созишномаи Грантӣ аз 21.12 соли 2023, №E2040-TJ ба маблағи 37,0 млн. Ҳуқуқи махсуси қарзгирӣ (ҲМҚ) баробар ба 50,0 млн. доллари ИМА ба имзо расонида шудааст.

5.1. Ҳадафи Лоиҳа таҳкими низоми суғуртаи пасандозҳо, мусоидат намудан ба қарздиҳии бонкӣ ба корхонаҳои хурду миёна (КХМ) ва пешбарии ҳамгироии КХМ ба занҷираҳои истеҳсолу фурӯш/занҷирҳои арзиши иловашуда мебошад.

5.2. Давраи амалисозии Лоиҳа аз моҳи феврали соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он моҳи сентябри соли 2028 пешбинӣ карда шудааст.

5.3. Лоиҳа дар доираи чор қисмат, аз ҷумла қисмати якум “Суғуртаи пасандозҳо” 15,0 млн. доллари ИМА, қисмати дуюм “Механизми тақсимоти ҷузъии хавфҳо” 18,5 млн. доллари ИМА, қисмати сеюм “Барномаи рушди таҳвилгарон ва содирот” 7,75 млн. доллари ИМА ва қисмати чорум “Амалисозӣ, ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии Лоиҳа” ба маблағи 3,75 млн. доллари ИМА амалӣ мегардад.

5.4. Мувофиқи ҳисоботи пешниҳодгардида дар соли 2024 бо мақсади амалӣ гардонидани Лоиҳа аз рӯйи қисмати “Амалисозӣ, ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии Лоиҳа” аз ҳисоби Бонки Умумиҷаҳонӣ ба қадри 283,1 ҳазор доллари ИМА ба нақша гирифта шуда, дар асл бошад азхудкунии маблағҳо 367,09 ҳазор доллари ИМА ё баробар ба 129,6 фоиз таъмин гардидааст.

5.5. Дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида маълум гардид, ки басти воҳидҳои кории Лоиҳа аз ҷониби роҳбари Марказ тасдиқ гардида, ба ҳолати моҳи марти соли 2025 теъдоди онҳо 22 нафар бо музди меҳнати 12 245,0 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

5.5.1. Таҳлили пардохтии музди меҳнати кормандон аз рӯйи хавфҳои имконпазир феҳристи пардохти музди меҳнати кормандон бо руйнависи корти бонкӣ ва бо ҳисоботҳои хазина муқоиса карда шуда, дурустии пардохти онҳо тасдиқ гардида, тафовути варақаи пардохтии музди меҳнати кормандон бо ҳисоботҳои бонкӣ ва хазина муайян нагардид.

5.6. Бо мақсади амалисозии Лоиҳаи “Рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ” аз ҷониби Марказ дар давраи аз моҳи марти соли 2024 то моҳи

марти соли 2025 ҳамагӣ 9 озмун бо истифода аз усули ҳаҷман хурди Шопингӣ анҷом дода шудааст, ки аз ин дар 5 ҳолат озмунҳои хариди молу таҷҳизот ба маблағи 2324,2 сомонӣ ва дар 4 ҳолат озмунҳои хизматрасонии мушовирӣ ба маблағи 99875,0 доллари ИМА анҷом дода шудааст.

5.6.1. Бояд қайд кард, ки  усули хариди Шопинг ҳамчун хариди ҳаҷман хурд ба ҳисоб рафта, дар асоси Дастурамали хариди Бонки Умумиҷаҳонӣ ба роҳ монда шуда, меъёри ниҳоии арзиши харид то 150,0 ҳазор доллари ИМА муайян гардидааст.

5.7. Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида аз ҳисоби хариди молу мавод ва кору хизматрасониҳо қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ дар Лоиҳа вуҷуд надорад.

**Лоиҳаи “Беҳтар намудани идоракунии захираҳои об дар вилояти Хатлон”**

7. Ҷиҳати амалӣ намудани Лоиҳаи «Беҳтар намудани идоракунии захираҳои об дар вилояти Хатлон” байни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шахсияти Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Исломии Рушд – Созишномаи қарзӣ аз 28 августи соли 2019, №TJK-1013 ба маблағи 53,5 млн. доллари ИМА, аз ҷумла, қарзи Бонки Исломии рушд 15,0 млн. доллари ИМА, қарзи Фонди Саудии рушд 25,0 млн доллари ИМА, қарзи Фонди ОПЕК 10,0 млн. доллари ИМА ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,5 млн. доллари ИМА ба имзо расонида шудааст.

7.1. Созишнома оид ба маблағгузории Лоиҳа бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2019, №1564 тасдиқ гардидааст.

7.2. Тибқи ҳуҷҷатҳои барномавию таъсисӣ ва созишномаи баимзорасида, қисмати В-и Лоиҳа тавассути Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаи “Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот”-и назди Вазорати молия татбиқ карда шуда, маблағи умумии қисмати В-и Лоиҳа 4589,5 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки аз ин маблағи қарзи БИР дар доираи “Дастрасӣ ба маблағгузории исломӣ” 4536,28 ҳазор доллари ИМА ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 53,22 ҳазор доллари ИМА мебошад.

7.3. Мақсади асосии қисмати аз ҷониби Марказ татбиқшаванда, тақсимоти захираҳои молиявӣ тариқи бонкҳои тиҷоратӣ ва марказҳои молиявӣ бо назардошти талабот ва меъёрҳои шариатӣ ба аҳолӣ мебошад.

7.4. Ҳадафи ва вазифаҳои лоиҳа баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот тавассути беҳтар намудани идораи захираҳои обии тобовар ба тағйирёбии иқлим буда, боиси афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, зиёд гардидани даромади хоҷагиҳои деҳқонӣ, амнияти озуқаворӣ ва беҳтар гардидани дастрасӣ ба таъминоти оби ошомиданӣ хоҳад гашт.

7.6. Тибқи Дастурамали хати қарзӣ ва созишномаи “Вакола” бо ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла ҶСК “Тавҳидбонк”, ҶДММ “Аср Лизинг”, Равзанаи бонкии исломии ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” ва Равзанаи бонкии исломии ФҚХ “Имон” Созишномаҳои Вакола ба имзо расонида шуда, ба маблағи 3,03 млн. доллари ИМА баробар ба 33,0 млн. сомонӣ пешниҳод гардид.

7.6.1. Таҳлили маълумотҳои пешниҳоднамудаи масъулини Лоиҳа маълум намуд, ки айни замон дар асоси қарордодҳои Вакола байни Марказ ва ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи 43364,0 ҳазор сомонӣ маблағҳои қарзӣ барои пешниҳоди қарз ба аҳолии вилояти Хатлон бо риояи қоидаҳои бонкдории исломӣ ҷудо карда шудааст.

7.6.2. Тибқи талаботи қарордодҳои Вакола ташкилотҳои қарзии болозикр маблағҳои қарзиро ба қарзгирандагон ба муҳлати аз 12 то 36 моҳ бо меъёри 10 фоизи солона пешниҳод менамоянд.

7.6.3. Бояд қайд намуд, ки тибқи муқаррароти банди 2-и Вакола аз 10 фоизи фоидаи солона ташкилотҳои қарзӣ 3 фоизи онро ба суратҳисоби махсуси дар Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молия будаи Лоиҳа интиқол дода, 7 фоизи боқимондаи онро дар ихтиёри ташкилотҳои қарзӣ мемонад.

7.7. Таҳлили рафти амалишавии Лоиҳа нишон дод, ки бо мақсади дастгирӣ ва рушди кишоварзӣ аз аввали татбиқи Лоиҳа то инҷониб аз ҷониби ташкилотҳои қарзии болозикр ба 690 нафар соҳибкорону хоҷагидорони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба маблағи 54741,8 ҳазор сомонӣ ба муҳлати аз 12 то 36 моҳ қарз пешниҳод карда шудааст.

7.7.1. Тибқи талаботи банди 8.1-и шартномаи Вакола, маблағҳои қарзии БИР аз рӯзи ба имзорасии шартнома ба муҳлати 5 сол пешниҳод гардида, тартиби баргардонидани он бо чор ҳисса аз моҳи октябри соли 2027 оғоз гардида, моҳи июли соли 2028 бояд пурра баргардонида шавад.

7.8. Таҳлили нақшаи молиявии Лоиҳа нишон дод, ки азхудкунии маблағ аз ҳисоби БИР аз аввали давраи татбиқи Лоиҳа то моҳи апрели соли 2025 ба қадри 4536,28 ҳазор доллари ИМА ба нақша гирфта шуда, азхудкунии воқеии маблағҳои қарзӣ дар ҳамин давра 4481,44 ҳазор доллари ИМА ё 98,8 фоиз ва барои соли 2024 бошад нақша 1090,84 ҳазор доллари ИМА ва иҷрои он 1125,12 ҳазор доллари ИМА ё 103,1 фоизро ташкил медиҳад.

7.8.1. Аз ҳисоби саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад аз аввали давраи татбиқи Лоиҳа ба қадри 61,21 ҳазор доллари ИМА ба нақша гирфта шуда, азхудкунӣ 53,2 ҳазор доллари ИМА ё 86,9 фоиз ва барои соли 2024 бошад нақша 8,0 ҳазор доллари ИМА ва иҷрои он 19,6 ҳазор доллари ИМА ё 2,4 маротиба зиёд мебошад.

7.9.1. Лоиҳаи мазкур аз ҷониби якчанд донор маблағгузорӣ гардидан ва бинобар сабаби фарқият доштани муҳлати ба итмомрасии Лоиҳа ва инчунин бинобар сабаби сари вақт азхуд нагардидани

маблағҳои қарзӣ дар Маркази татбиқи Лоиҳаи “Обёрии заминҳои водии Данғара”, тамдид карда шудааст.

7.10. Тибқи ҷадвали басти воҳидҳои корӣ дар соли ҷорӣ шумораи воҳидҳои корӣ бо теъдоди 9 нафар бо фонди музди меҳнати моҳонаи 5250,0 доллари ИМА тасдиқ гардида, музди меҳнати миёнаи моҳона ба ҳар як корманд ба қадри 583,3 доллари ИМА рост меояд. Ба ҳолати 5 марти соли ҷорӣ қарздории музди меҳнат дар назди кормандони Лоиҳа вуҷуд надорад.

8. Вобаста ба вайронкунии қоидаҳои молиявии муайянгардида ба масъулини Муассисаи давлатии Маркази татбиқи Лоиҳаи “Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот”-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои судманд дода шудааст.